МУХАММАД СУБХОН

# РӮБОҲ ВА ГУРГИ НОДОН



МАОРИФ



Мел тоҷ 2
С-89

Буд-набуд, як деҳқон буд. Вай як боғи калон дошт. Дар ин боғ тамоми меваҳои рӯйи дунё мерӯйид. Соҳиби боғ гирди онро девори баланд карда буд.


КДБЧ ... М. МИРШАКАР
и/к
27741

Дар атрофи боғ рӯбоҳе зиндагонӣ мекард. Ба меваҳои шаккарини ин боғ ҳавасаш мерафт. Рӯзе аз обмӯрии девор ба даруни боғ даромад. Обмӯрии боғ ба вай маъқул шуд. Бо ҳамин роҳ ҳар шаб ба боғ медаромад.



Меваҳоро хуб хӯрда, шикамашро сер карда, “тахтапуштамро тоза мекунам”-гӯён болои сабзаҳои боғ ғел мезаду ҳамаро поймол мекард.

Ҳангоми дамидани субҳ рӯбоҳи маккор оҳиста аз боғ барома-





да, сӯйи дашт мерафт.

Рӯзи дигар марди деҳқон ба боғаш омаду дид, ки меваҳо талаву тороҷ шуда, сабзаҳо поймол гашта... Аз ин ҳол дили деҳқон сӯхта-сӯхта ба хонааш омад. Ҳамин тариқ, чанд рӯзе, ки деҳқон боғашро хабар мегирифт, воқифи ҳамин ҳолат мешуд.

Ниҳоят, фикр карду аз бозор як дом харид, то дуздро ба даст дарорад.

Домро номаълум сари пайроҳа гузошта, ресмони онро ба танаи дарахти себ маҳкам баст.

Болои табақчаи дом як пора гӯшту як лӯнда думба гузошт. Марди деҳқон фаҳмида буд, ки ин кори рӯбоҳи шайтон аст.

– Ба ғайр аз рӯбоҳи шайтон ба боғи ман дигар ҳайвоне дарома-

да наметавонад, – бо боварии том мегуфт марди деҳқон, – агар ин рӯбоҳи шайтон ба дасти ман афтад, пӯсташро канда, ба бозор бурда мефурӯхтам.

Шаби дигар рӯбоҳи маккор ба



боғ омад. Дид, ки дар сари роҳи вай дом ва болои он як порча гӯшту думба истодааст. Рӯбоҳ заҳрхандае карда гуфт:

– Ин деҳқони содаро бинед, ки маро мисли худаш беақлу нодон



гумон карда, дар роҳи ман дом ниҳодааст.

Рӯбоҳ оҳиста бӯй кашида-бӯй кашида, ба дом наздик омад. Дилаш ба думбаи мулоим гум зад. Аввал андак нафси худро дошта, фикр кард:



– Эй рӯбоҳаки солимфикр, ту бо ин сохтакориҳо фирефтаи нафси худ машав, ки фирефтаи доми боғбон хоҳӣ шуд!

Оҳиста ба қафо баргашту худ ба худ гуфт:

– Эй рӯбоҳ, ту ин қадар донову





чусту чолок бошиву ҳамин думбаи нақдро монда, ангурҳои туршро хӯрда дандонҳои сафеди базебатро кунд карда мегардӣ?

– Рӯбоҳ баргашта ба думба нигоҳ кард ва оби даҳонаш ба замин рехт. Аммо муддате гирди дом давр зада, ниҳоят, роҳи хӯрдани думбаро ёфт: “Аз гург аҳмақтар ҷонваре дар дунё нест, – аз дил гузаронд рӯбоҳи маккор. – Агар гургро биёбам, ӯро фиреб дода, ба дом меандозаму худам баъд маза карда думбаро мехӯрам”, – лабонашро лесидалесида мегуфт рӯбоҳ. Бо ин мақсад аз назди боғча баромада, ба сӯйи як теппаи баланд рафт, ки як гург аз он тарафи теппа рӯ ба рӯ меомад.

Рӯбоҳ ӯро аз дур диду шодику-

нон ба назди вай рафта таъзимкунон хандид.

Гург ба рӯбоҳ нигоҳ карда гуфт:

– Эй шайтонбача, барои чӣ салом медиҳию боз лабонатро



инҷ карда механдӣ?

Рӯбоҳи шайтон дар ҷавоб гуфт:

– Эй паҳлавони ҷаҳонгир, суҳбати шуморо ёд кардам. Шод аз онам, ки қисмат шуморо бо



ман рӯ ба рӯ кард. Падару бобоҳоямон ошно буданд. Биёед, ягон ҷо равему камтар чақ-чақ кунем.

– Кошкӣ, ман ҳам дар ҳамин фикр будам, – ҷавоб дод гург.

– Ман шуморо ба думбахӯрӣ мебарам – гуфт рӯбоҳ. – Думбаро



ман то шикамсерӣ хӯрдам, чунон болаззат, ки мондан гиред. Махсус барои шумо бирён карда мондам. Ғайр аз шумо дигар дар ин дунё дӯсти беҳтаре надорам.

– Эй рӯбоҳи маккор, ман ба чашмони ту нигоҳ мекунам, ту бисёр маккорӣ, дурӯғ мегӯйӣ.



– Ман рост мегӯям, ба Худо. Биёед, бо ҳам равем, агар дурӯғгӯй бошам, он ҷо маълум мешавад.

Баъд рӯбоҳ пешопешу гурги нодон аз думболи вай бо роҳи кашидаи рӯбоҳ ба боғ даромаданд. Гург меваҳои шаккаринро хӯрда шодӣ кард.

– Эй ҷӯраҷон, биё, ки соҳиби боғ наомада, зуд рафта ҳамон думбаро хӯрда дандонҳоямонро каме равған кунем, – гуфт рӯбоҳи маккор.

Ин пешниҳоди рӯбоҳро гург бо дилу ҷон қабул кард.

– Канӣ, куҷо ҳамон гӯшти лаҳму равғани думбаи таърифӣ?

– Рафтем, рафтем-гӯён рӯбоҳи маккор гургро ба ҳамон ҷое, ки дом гузошта шуда буд, овард. Аз



дур ба димоғи гург бӯйи гӯшту равғани думба расид.

Гург аз шодиаш якбора худро сӯйи гӯшт партофт. Ду пойи пеши гург ба дом афтод. Вай аз дарди ҷонкоҳ қариб аз ҳуш рафт. Гӯшту



думба бошад, аз болои дом ба як сӯ парид. Рӯбоҳ чолокона онро гирифта хӯрду зуд гурехта рафт.

Марди боғбон субҳ ба боғ омад. Гургро дар дом дида, якбора фарёд зад:



– Ҳой лаънатӣ, ту ин қадар боғи маро хароб кардӣ, ана, ҷазои ту!-гуфта гургро зада кушт ва пӯсташро бурда дар бозор фурӯхт.

Рӯбоҳи маккор боз пинҳонӣ ба ҳамон боғ даромада, меваҳоро мехӯрд. Ин буд боз як найранги рӯбоҳи маккор, ки бечора гурги нодонро бо чӣ гуна макру фиреб ба доми аҷал гирифтор кард.





ББК 84 тоҷик 7-4
С–88

КДБЧ ба номи
М. МИРШАКАР
ТОЛОРИ ХИЗМАТРАСОНИ
БАР... СИННИ
ХУРДИ МАКТАБИ

# РУБОҲ ВА ГУРГИ НОДОН

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | М. Холов |
| Муҳаррири техникӣ | Р. Абдуллоева |
| Рассом | С. Имодинова |
| Тарроҳ | Р. Галимов |
| Ҳуруфчин | С. Зайниддинов |

Ба чопаш 13.01.15 имзо шуд. Андозаи 50х70 1/32.
Ҷузъи чопӣ 0,75. Чопи офсетӣ. Коғази бурандуд.
Супориши № 30/2015. Адади нашр 5000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел: 98-552-89-89. E-mail: najmiddin64@mail.ru.

МАОРИФ

9 789994 712731

ISBN 978-99947-1-273-1

© «МАОРИФ», 2015